**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич дар мавзӯи "Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)--доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300–забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ)**

Таҳлилу баррасии масъалаҳои мухталифи забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ ба таври муқоиса дар забоншиносӣ ҳамеша аҳамияти назариву амалиро дар пай дорад. Тавассути чунин иқдом метавонад ҷиҳатҳои фарққунанда ва умумиятҳои забонҳои муқоисашаванда рӯйи об баромада, дар ин замина қаробати таърихиву иҷтимоии миёни забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ муқаррар карда шавад. Агар кӯшиши мазкур вобаста ба муайян кардани хусусиятҳои гуногуни забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ сурат гирад, ба андешаи инҷониб, иқдоми муфид ва қобили дастгирӣ мебошад.

Диссертатсияи мавриди назар, ки аз ҷониби Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич зери унвони "Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор" таҳия гардидааст, ба яке аз масъалаҳои мубрами хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии забони тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ нигаронида шудааст. Муаллиф дар мавриди зикри навовариҳои илмии диссертатсия қайд менамояд, ки интихоби мавзӯи зикршуда дар пояи пажӯҳишҳои номукаммали дар ин самт анҷомёфта сурат гирифтааст. Аниқтараш бори аввал хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии забони тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ ба риштаи таҳқиқи ҳамаҷониба кашида шуда, дар асоси он ҷиҳатҳои муҳимми ин масъала

дар забонҳои муқоисашаванда нишон дода мешаванд. Диссертатсия аз муқаддима, се боби муфассал, хулоса ва феҳристи адабиёти илмии ба мавзӯъ алоқаманд мураттаб гардидааст.

Боби якуми рисола ҷанбаи назарӣ дошта, муаллиф, асосан, дар атрофи масъалаи мутобиқшавии савтӣ ва дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ хеле огоҳона маълумот додааст. Аз қазоватҳои илмии диссертант маълум мегардад, ки масъалаи мутобиқшавии савтӣ ва дараҷаи истеъмоли калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрами забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Дар ин самт корҳои зиёде анҷом ёфта бошанд ҳам, вале муқоисаи масъалаи зикршуда дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ то андозае аз мадди назар дур мондааст.

Муҳтавои асосии боби дуюми диссертатсияро таҳлили луғавию маъноии калимаҳои тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ фаро гирифтааст. Муаллиф ба масъалаи таҳлили луғавию маъноии калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ аҳамияти калон дода, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мавқеи илмии диссертант дар рӯёрӯи назарияҳои пешқадами олимони соҳа дар масъалаи дузабонӣ ҷолиби диққат буда, чунин мавқеъгирӣ ҳусну кубҳи диссертатсияро боз ҳам афзун кардааст.

Таҳлили сохтории калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ, дар мисоли забони осори Абдулло Қаҳҳор мавзӯи баҳси боби сеюми диссертатсия қарор гирифтааст. Дар заминаи таҳлили сохтории калимаҳои иқтибосии тоҷикӣ дар забони ӯзбекӣ муаллиф зикр мекунад, ки калимасозӣ дар забони ӯзбекӣ бо ёрии пешванд ва пасвандҳои иқтибосии тоҷикӣ яке аз роҳҳои маъмултарин ва сермаҳсултарин ба ҳисоб меравад. Ин усули калимасозӣ махсусан дар давраи нави инкишофи забони ӯзбекӣ боз ҳам маъмул гардид. Имрӯз низ дар забони ӯзбекӣ сохта шудани калимаҳо бо пешванд ва пасвандҳои иқтибосии забони тоҷикӣ аз усулҳои маъмули калимасозӣ мебошад.

Дар забони ӯзбекӣ калимаҳои сохтае, ки номи касбу ҳунар, унвон, пайрави ягон таълимот ва аъзои ташкилоти ихтиёрӣ будани шахс, инчунин хусусиятҳои шахсро аз рӯйи ихтисос, машғулияташ ифода мекунанд, нисбатан қисми калони калимаҳои иқтибосии сохтаро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, мавзӯи интихобнамудаи диссертант Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич ба яке аз масъалаҳои мубрами муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ бахшида шуда, дар ҳамин шакли таҳқиқ комилан ба анҷом расидааст. Муаллифи диссертатсия моҳияти аслии мавзӯъро хуб дарк намуда, аз ӯҳдаи бандубасти илмии он баромадааст. Бо вуҷуди дастовардҳои зикршуда, ҳангоми мутолиаи автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳо ба назар расиданд, киислоҳи саривақтии онҳоро ба манфиати кор медонем:

1. Дар автореферати диссертатсия қисмати “Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот” хеле мухтасар оварда шудааст. Ҳол он ки диссертант метавонист дар баробари нишон додани сарчашмаҳои илмии дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ анҷомдодашуда ба баъзе аз назарияҳои илмии хориҷӣ низ такя карда, аз онҳо ёдовар шавад.
2. Дар автореферат натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқоти илмӣ оварда нашудааст. Хуб мешуд, ки диссертант ба таври хеле мухтасар бо онҳо ишора мекард.
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат хатогиҳои имловию техникӣ низ ба назар мерасад.

Албатта, нуқсонҳои ошкоршуда ислоҳшаванда буда, ба ҳеҷ ваҷҳ қиммати илмии диссертатсияро кам намекунанд. Қобили қайд аст, ки автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифта, муаллиф тавонистааст ба ҳалли илмии мавзӯъ даст ёбад. Бешубҳа, метавон гуфт, ки диссертатсияи Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич зери унвони

“Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии вожагони иқтибосии тоҷикӣ дар осори Абдулло Қаҳҳор” таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ ҷавобгӯ аст. Диссертант Исмоилов Бахтиёр Абдуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 –Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

н.и.ф., дотсенти кафедраи забони давлатӣ
ва ҷомеашиносии ДПДТТ
ба номи ак. М. С. Осимӣ:
Раҳматова Муаттар Муқимовна

14.10.2020 с
ш. Хуҷанд, хиёбони Сомонӣ 226, 735700
Тел:(+992 3422) 6 04 54, 6 45 37;
E-mail: kbtut@ kbtut.khujandi.com;
Веб-сайт:www. kbtut.tj

Мудири шуъбаи кадри ДПДТТ
ба номи ак. М. С. Осимӣ
Ёқубова Маҳбуба Алиевна